**ПРОТОКОЛИ №49**
**маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-065**
**дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур**

**22 июни соли 2024** **ш. Душанбе**

**Аъзоёни Шуро ҳамагӣ: 15 нафар**
**Иштирок доштанд: 12 нафар аъзоёни Шуро:**

22-уми июни соли 2024, соати $10^{00}$ дар толори Шурои олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146) ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-065 баргузор гардид.

**Раисикунанда**: раиси Шурои диссертатсионӣ д.и.к., профессор Маҳмадёрзода Усмон Маъмур

**Раисикунанда:** Муҳтарам аъзои Шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Ҳайати Шуро бо шумораи 15 нафар тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои Шуро дар ҷаласа 12 нафар аъзои Шуро иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, Шуро салоҳият дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори Шуро кӣ ягон пешниҳод дорад? Пешниҳод гардид, ки ба кори Шуро оғоз бахшида шавад. Кӣ тарафдори он, ки кори Шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, ки овоз диҳед. Тарафдор -12 нафар. Муқобил - нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул гардид.

**<u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА</u>:**

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич дар мавзуи "Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

**Баромад намуданд:**

1.Раисикунанда: д.и.к., профессор Маҳмадёрзода Усмон Маъмур;
2. Котиби илмии Шуро: д.и.б. Исмоилов М.И.;
3. Унвонҷӯ: Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич.

Вобаста ба диссертатсияи баррасишаванда як қатор аъзоёни Шурои диссертатсионӣ саволҳои пурмуҳтаво пешниҳод намуданд:

1. Гулов Саидалӣ Маъмурович -д.и.б., профессор;
2. Қахаров Қахар Ҳабибуллоевич - д.и.к., профессор;
3. Асозода Нуралӣ Маҳмадулло - д.и.к., академик;

4. Ташпулатов Муҳаммадӣ Маҳмадкулович;

5. Сардоров Маҳмадёр Наимович - д.и.к., профессор.

Ба саволҳо унвонҷӯ Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич ҷавобҳои мушаххас дод.

**Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ:**

Ахмедов Турсунбой Абдуллоевич, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор.

**Баромади котиби илмӣ:**

Котиби илмӣ матни пурраи тақризи ташкилоти тақриздиҳанда-Маркази миллии захираҳои генетикии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва тақризҳои ба унвонии Шурои диссертатсионӣ оид ба автореферати диссертатсия воридшударо қироат намуд. Ҳамаи тақризҳо мусбат буданд ва эродҳои дар онҳо қайд гардида, бештар характери тавсиявӣ доштанд.

Унвонҷӯ ба эродҳои дар тақризҳо нишондодашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

**Раисикунанда: д.и.к., профессор** Маҳмадёрзода Усмон Маъмур сухан ба муқарризи расмӣ **Назарзода Нигора Нураҳмад** – доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, и.в.профессори кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дода мешавад.

**Баромади муқарризи расмии якум**

Муқарризи расмӣ **Назарзода Нигора Нураҳмад тақризи худро** қироат намуд.

Унвонҷӯ ба эродҳои дар тақризи муқарризи якум нишондодашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

**Раисикунанда: д.и.к., профессор** Маҳмадёрзода Усмон Маъмур, сухан ба муқарризи расмии дуюм **Қурбонов Мавлон Муминович** - номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ дода мешавад.

**Баромади муқарризи расмии дуюм**

**Қурбонов Мавлон Муминович -** номзади илмҳои кишоварзӣ тақризи омодакардаи худро қироат намуд.

Унвонҷӯ ба эродҳои дар тақризи муқарризи дуюм нишондодашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

**Баромади мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:**

1. Гулов Саидалӣ Маъмурович – д.и.б., профессор;
2. Набиев Толиб Набиевич - д.и.к., профессор;
3. Асозода Нуралӣ Маҳмадулло – д.и.к., академик;
4. Сардоров Маҳмадёр Наимович – д.и.к., профессор;

5. Салимзода Амонулло Файзулло - д.и.к., профессор.

6. Маҳмадёрзода Усмон Маъмур- д.и.к., профессор.

**Унвонҷӯ** ба эродҳои мутахассисон оид ба диссертатсия нишондодашуда фикри худро пешниҳод ва сухани охирони худро изҳор намуд.

**Раисикунанда: Маҳмадёрзода Усмон Маъмур, б**а тартиби овоздиҳии пинҳонӣ мегузарем. Барои ин бояд мо комиссияи ҳисобро интихоб намоем. Чӣ гуна пешниҳод ҳаст? Пешниҳод шуд, ки комиссияи ҳисоб ба миқдори се нафар интихоб карда шавад. Дигар таклифҳо ҳаст? Нест. Таклифро ба овоз мемонем. Кӣ тарафдори он аст, ки шумораи комиссияи ҳисобӣ аз се нафар иборат бошад, мавқеи худашро муайян кунад. Тарафдор -12 нафар. Таклиф қабул карда шуд. Киҳоро ба комиссияи ҳисоб пешниҳод менамоед? Марҳамат:

Асозода Н.М., Гулов С.М., Қахаров Қ.Ҳ.

Ҳоло барои овоздиҳӣ 15 дақиқа танафус ва комиссия кори худро оғоз намояд.

**Баромади раиси комиссияи ҳисоб:**

**Асозода Н.М.,** д.и.к., академик. Муҳтарам аъзоёни Шурои диссертатсионӣ аз 12 нафар аъзоёни дар ҷаласа иштирок намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ба унвонҷӯ Миралиев И.Р. **тарафдор 12 - нафар, муқобил - нест, бетараф нест.**

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб, Шурои диссертатсионии 6D.КОА-065 дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои Шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич дар мавзуи "Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсиониии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи "Низомномаи Шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дарачаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267, илова аз 26.06.2023, №295 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 06.01.01- Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори мазкури Шурои диссертатсиониро тасдиқ намояд.

**Раисикунанда:** Кӣ тарафдори қабули қарори Шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳед. Тарафдор -12 нафар. Зид? - нест. Бетараф? - нест. Якдилона қабул гардид.

**Раисикунанда:** Иҷозат диҳед унвонҷӯро барои ҳимояи бомуваффақияти диссертатсия табрик намоям ва ба ҳамаи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ барои фаъолияти пурмаҳсулашон изҳори ташаккур намоям.

Бо ҳамин маҷлиси навбатии Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Маҳмадёрзода У.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои биологӣ Исмоилов М.И.

Имзои Маҳмадёрзода У.М. ва Исмоилов М.И.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ширшоҳ Шоҳтемур Н.А.Абдуҳалимзода